МАРКАЗИ ТАЪЛИМӢ ВА МАЪРИФАТИИ
"РОҲИ НУР"

# ТАЪЛИМИ ИСЛОМӢ

## БАРОИ НАВОМӮЗОН

МУРАТТИБ: ОИША МУҲАММАДӢ

# Фасли аввал: Эътиқод

## 1. Ҳадис дар бораи Имон

Паёмбари Худо ﷺ фармуд:
«Имон ин аст, ки ба Худо, ба фариштаҳои Ӯ, ба китобҳои Ӯ, ба паёмбарони Ӯ, ба рӯзи охират, ва ба тақдири неку бад бовар дошта бошӣ.»
(Ин ҳадисро Бухорӣ ва Муслим ривоят кардаанд).

## 2. Ҳадис дар бораи Ислом

Паёмбари Худо ﷺ гуфт:
«Ислом бар панҷ чиз бино ёфтааст:
1. Шаҳодат додан ба он, ки нест маъбуде ҷуз Худо ва Муҳаммад ﷺ бандаи Ӯ ва расули Ӯст;
2. Барпо доштани намоз;
3. Додани закот;
4. Рӯзаи моҳи Рамазон;
5. Ҳаҷҷи Хонаи Худо (Каъба).»

3. Ҳадис дар бораи шохаҳои имон

Паёмбар ﷺ гуфт:
«Имон зиёда аз шасту чанд шоха дорад. Болотарин шохаи он гуфтани
«Ло илоҳа иллаллоҳ» (нест маъбуди барҳақ ба ҷуз Аллоҳ) аст.
Камтарин шӯъбаи имон дур кардани монеа аз роҳ аст.
Ва ҳаё (шарм) шохае аз имон аст.»

**4. Дар бораи номҳои зебои Худо — Асмоуллоҳи Ҳусно**

Паёмбар ﷺ гуфт:
«Аллоҳ наваду нӯҳ ном дорад, ҳар кас онҳоро ҳифз кунад, ба ҷаннат медарояд.»
(Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Эзоҳ: Паёмбар ﷺ ҳамаи ин номҳоро номбар накардаанд, вале уламо барои ҷамъ кардану якҷоя кардани ин номҳо кушиш карда, онҳоро аз Қуръон ва Суннат ҷамъоварӣ кардаанд.

# 5. Саволу ҷавоб дар асосҳои дин

- Кист Парвардигори ту?
  - Парвардигори манАллоҳ аст, нест маъбуди бар ҳақ ба ҷуз Ӯ.
- Дини ту чист?
  - Дини ман Ислом аст.
- Паёмбари ту кист?
  - Муҳаммад ﷺ.
- Китоби ту чист?
  - Қуръон.
- Қуръон чист?
  - Каломи Аллоҳ.
- Суннат чист?
  - Сухан ва амалҳои Паёмбар ﷺ.
- Мусулмон кист?
  - Касе, ки Аллоҳро танҳо мепарастад, Паёмбарро ﷺ пайравӣ мекунад ва намоз мегузорад.

❖ Мӯъмин кист?

➢ Он касе, ки фармудаҳои Худоро иҷро мекунад ва ҳар чиро манъ кардааст, тарк мекунад.

❖ Муҳсин кист?

➢ Он ки дар ҳар коре, ки анҷом медиҳад чунон мепиндорад, ки Аллоҳ пеши рӯи уст ва ибодатҳояшро ба беҳтарин тарз адо менамояд.

❖ Кофир кист?

➢ Он ки дини Исломро қабул намекунад.

# 6. Дар бораи Улуҳият (Ягонагии Худо дар парастиш)

❖ **Аллоҳ чи гуна зот аст?**

➢ Ӯ ҳамон зотест, ки моро офаридааст ва ризқи моро додааст.

❖ **Аллоҳ дар куҷост?**

➢ Дар осмон, болои арш.

❖ **Маънии «Болои Арш» чист?**

➢ Яъне Ӯ болотар аз ҳама чиз аст ва қудрати Ӯ болот ҳамаи қудрат ҳост.

- ❖ **Аллоҳ дар Қуръон ва Суннат чанд ном дорад ?**

➢ Наваду нӯҳ (99) ном.

- ❖ **Оё Аллоҳ ба махлуқот монанд аст?**

➢ Не, нест чизе мисли Ӯ.

- ❖ **Оё мо Аллоҳо дар дунё мебинем?**

➢ Не, дар дунё намебинем, аммо аҳли ҷаннат Ӯро дар ҷаннат мебинанд.

**Махлуқоте, ки Аллоҳ ба мо аз онҳо хабар додааст ва мо надидаем, аммо бовар ва қабул дорем (Ғайбиёт).**

❖ **Арш чист?**

➢ Бузургтарин махлуқи Аллоҳ, ки болотар аз ҳамаи махлуқот аст ва Аллоҳ бар он муставӣ аст.

❖ **Ҳавз чист?**

➢ Ҳавзе, ки (дар рӯзи Қиёмат) пайғамбар Муҳаммад ﷺ аз он об медиҳад ва мӯъминон менӯшанд.

❖ **Киҳо аз ин ҳавз маҳрум мешаванд?**

➢ Онҳое, ки баъд аз паёмбар чизҳои нав ба дин изофа карданд (бидъаткорон).

- ❖ **Сирот чист?**

➢ Пули борике болои ҷаҳаннам, ки ҳама аз он бояд убур кунанд. Мӯъминон мегузаранд ва ба биҳишт мерасанд, гунаҳкорон афтода ба дӯзах мераванд.

- ❖ **Ҷинҳо кистанд?**

➢ Махлуқоте, ки онҳоро намебинем. Дар байни онҳо мусалмон ва кофир ҳастанд.

- ❖ **Оё бояд аз ҷинҳо тарсем?**

➢ Не, мӯъмин аз онҳо наметарсад.

- ❖ **Барзах чист?**

➢ Ҳаёти қабр, марҳилаи байни дунё ва охират.

- ❖ **Дар барзах чӣ мешавад?**

➢ Мӯъмин неъмат мебинад, кофир ва гунаҳкор азоб мекашад.

- ❖ **Дар қабр аз чӣ мепурсанд?**

➢ «Парвардигори ту кист?», «Дини ту чист?» ва «Паёмбари ту кист?»

- ❖ **Мӯъмин чӣ посух медиҳад?**

- «Парвардигори ман Аллоҳ, дини ман Ислом, ва паёмбари ман Муҳаммад ﷺ аст.»

# Ҳадис

❖ **Ҳадис чист?**

➢ Каломи Паёмбар ﷺ.

❖ **Ду китобе, ки пас аз Қуръон саҳеҳтаринанд, кадоманд?**

➢ Саҳеҳи Бухорӣ ва Саҳеҳи Муслим.

❖ **Кадом китобҳои ҳадис машҳур ҳастанд?**

❖ «Китобҳои саҳеҳи шашгона»:

- ➢ Саҳиҳи Бухорӣ
- ➢ Саҳиҳи Муслим
- ➢ Сунани Абу Довуд
- ➢ Сунани Насои
- ➢ Сунани Тирмизӣ
- ➢ Сунани Ибни Моҷа

❖ **Кадом китоб бузургтарин маҷмӯаи ҳадис аст?**

➢ «Муснади Имоми Аҳмад».

❖ **Кӣ дар байни саҳобагон аз ҳама бештар ҳадис ҳифз кардааст?**

➢ Абу Ҳурайра (разияллоҳу анҳу).

❖ **Имоми Молик бо кадом китоб маъруф аст?**

➢ «Ал-Муватта».

❖ **Киҳо «Шайхайн» номида мешаванд?**

➢ Имом Бухорӣ ва Имом Муслим.

**Навъҳои ҳадис:**

➢ **Ҳадиси саҳеҳ:** санади он ба Паёмбар ﷺ мерасад.

➢ **Ҳадиси ҳасан:** наздик ба саҳеҳ аст вале каме поёнтар меистад.

➢ **Ҳадиси заиф:** дар санади он ва ё ровиёнаш камбудие ҳаст.

➢ **Ҳадиси мавзуъ:** бофташуда ва дурӯғ аст.

# Иттибоъ (пайравӣ кардан)

❖ **Аломати дӯст доштани Паёмбар ﷺ чист?**

➢ Итоат кардан ба ӯ ва пайравӣ аз суннати ӯ.

❖ **Чӣ тавр мусалмон суннатро пайравӣ мекунад?**

➢ Бо суханҳо, амалҳо ва ахлоқе, ки дар Қуръон ва суннат омадааст ва аз бидъат ва гурӯҳҳое, ки дар дин навоварӣ мекунанд, дурӣ меҷӯяд.

❖ **Бидъат чист?**

➢ Илова кардан ба дини Худо, чизе, ки на дар Қуръон аст на дар суннат.

❖ **Гурӯҳи ҳақиқӣ кистанд?**

➢ Ҷамоати мусалмонон, ки ба Қуръон ва суннат пайравӣ мекунанд.

❖ **Аз куҷо дини худро мегирем?**

➢ Аз Қуръон ва суннат.

❖ **Чӣ гуна динро дуруст мефаҳмем?**

➢ Ба тарзе, ки саҳобаҳо (разияллоҳу анҳум) онро фаҳмиданд.

❖ **Кадом чизро набояд мухолифат кунем?**

➢ Иҷмоъ (иттифоқи уламои муслимин дар масоили дин).

# Аҳли байти паёмбар ва саҳоба

❖ **Саҳобӣ кист?**

➢ Касе, ки бо имон Паёмбарро ﷺ дидааст ва бо имон мурдааст.

❖ **Аз саҳобагон беҳтаринҳо кистанд?**

➢ Абӯбакр, сипас Умар, сипас Усмон ва сипас Алӣ (разияллоҳу анҳум).

❖ **Аҳли байт кистанд?**

➢ Занҳо ва фарзандони Паёмбар ﷺ.

❖ **Аҳли байтро чаро дӯст медорем?**

➢ Зеро аз ҷониби Худо ва Паёмбар ﷺ ба муҳаббати онҳо амр шудааст.

❖ **Чаро эҳтироми аҳли байт лозим аст?**

➢ Паёмбар ﷺ фармудааст: «Шуморо ба Худо дар бораи аҳли байтам васият мекунам.»

❖ **«Сиддиқ» куняи кӣ аст?**

❖ Абӯбакр (разияллоҳу анҳу).

❖ **Кист «Зуннурайн»?**

➢ Усмон (разияллоҳу анҳу)  ҳамсари ду духтари Паёмбар ﷺ.

❖ **Аввалин касе, ки аз кӯдакон Исломро қабул кард?**

➢ Алӣ (разияллоҳу анҳу).

❖ **«Форуқ» куняи кӣ аст?**

➢ Умар (разияллоҳу анҳу).

❖ **Киҳо «сарварони ҷавонони ҷаннат» ҳастанд?**

➢ Ҳасан ва Ҳусайн (разияллоҳу анҳумо).

❖ **Киро «Сайфуллоҳ» мегуфтанд?**

➢ Холид ибни Валид.

# Фасли дуюм: Фиқҳ (амалҳои ибодӣ)

**Таҳорат ва покӣ**

- Оят:
  «Худо касонеро дӯст медорад, ки тавба мекунанд ва покизагиро пеша мекунанд.»
  (Бақара: 222)

- Ҳадис:
  «Покизагӣ нисфи имон аст.»
  (ривояти Муслим)

**Ҳукми обҳо**

1. Обҳои пок: оби борон, баҳр, рӯдхона, чашма ва барфу жола.
2. Агар чизе наҷас ба он афтад, вале рангу бӯю таъмаш тағйир накунад, ҳанӯз ҳам пок аст.

**Наҷосатҳо**

➢ Пешоб ва охлот.

➢ Хун.

➢ Хук ва оби даҳони саг.

**Чӣ чизҳо таҳоратро мешикананд (Муҳимтаринаш)**

- Берун омадани чизе аз пеш ё ақиб (пешоб, наҷосат, бод).
- Хоби амиқ.
- Беҳушӣ.
- Баромадани хун ва ё фасод аз  бадан
- Қай кардан.

## Таяммум

Таяммум — таҳорати ивазкунандаи вузу ё ғусл бо ҷинси хок, вақте ки об нест ё истифодааш зарар дорад.

Тартиб:

- Ният кардан.
- Ду дастро ба хок задан.
- Дастони ба хок задаро ба рӯй молидан.
- Боз ба хок задан ва дастҳоро то оринҷ молидан.

**Диққат: Бо пайдо шудани об, таяммум ботил мешавад.**

**Фарзҳои таҳорат**

- ➢ Ният
- ➢ Шустани Рӯй
- ➢ Шустани даст то оринҷ
- ➢ Масҳи Сар
- ➢ Шустани пой то буҷулак

**Суннат ва тартиби Таҳорат**

1. Нияти таҳорат кардан.
2. «Бисмиллоҳ» гуфтан.
3. Се бор дастҳоро то дастпона шустан.
4. Об дар даҳон гардондан ва шустан.
5. Об ба бинӣ кашидан ва берун кардан.
6. Рӯи худро се бор шустан.
7. Дастҳоро бо оринҷ то се бор шустан.
8. Сарро масҳ кашидан.
9. Гӯшҳоро масҳ кардан.
10. Пойҳоро то буғумҳои пой се бор шустан.

# Намоз

- Оят:
  «Намозро барпо кунед, ҳамоно намоз аз корҳои зишт ва нописанд бозмедорад.»
  (Сураи Анкабут: 45)

- Ҳадис:
  «Фарқи байни мо (мусулмонон) ва кофирон тарки намоз аст.»
  (ривояти Муслим)

**Намозҳои фарз**

- Панҷ вақт: бомдод, пешин, аср, шом, хуфтан.

**Намозро чӣ чизҳо ботил мекунанд?**

Шикастани Таҳорат

- Хӯрдан ва нӯшидан дар дохили намоз.

- Гап задан .

- Қаҳ-қаҳ хандидан.

- Бидуни узр дар дохили намоз амали ғайри намоз иҷро кардан

# Закот

- ➢ Оят: «Закот диҳед, то молҳоятон пок шавад.»
  (Сураи Тавба: 103)

- ➢ Ҳадис: «Мол аз додани садақа (закот) кам намешавад.»
  (Ривояти Муслим)

**Шарҳи закот**

Онҳое, ки молашон ба миқдори 85 грам тилло расидаасту як сол дар дасташон аст, бояд дувуним дар сади онро ба муҳтоҷон диҳанд.

> «Закот бигир аз амволи онҳо, то онҳоро бо он пок созӣ ва (рӯҳашонро) боло барӣ.»
> (Сураи Тавба: 103)

❖ **Закот чандум рукни Ислом аст?**

➢ Закот сеюмин рукни Ислом мебошад

➢ **Закот барои кӣ фарз аст?**

➢ Барои ҳар мусалмоне, ки молаш ба ҳадди нисоб 85 грам тилло расидааст ва як сол бар он гузаштааст.

❖ **Барои кӣ закот медиҳем?**

➢ Фақирон, мискинон, қарздорон ва дигарон, ки дар Қуръон зикр шудааст.

💡 **Манфиати закот**

- Закот дилҳоро пок мекунад, бахилро саховатманд мегардонад, муҳаббати байни сарватмандон ва фақиронро зиёд мекунад.
- **Пас аз додани закот бигӯ:**

«Аллоҳумма тақаббал миннӣ ва мин амволино.»

# Рӯза

- ➢ Оят:
  «Эй касоне ки имон овардаед! Бар шумо рӯза фарз шудааст...»
  (Бақара: 183)

- ➢ Ҳадис:
  «Рӯза сипарест.»
  (Бухорӣ ва Муслим)

❖ **Рӯзаи фарзӣ дар кадом моҳ аст?**

➢ Дар моҳи Рамазон.

❖ **Рӯза чандум рукни Ислом аст?**

➢ Рӯза чорумин рукни Ислом мебошад.

❖ **Рӯза доштан дар кадом моҳ фарз аст?**

➢ Дар моҳи муборакки Рамазон.

❖ **Чӣ чизҳо рӯзаро мешикананд?**

➢ Қасдан хӯрдан, нӯшидан ва ҷимоъ кардан (ҳамхобагӣ).

❖ **Рӯза чӣ нафъе дорад?**

➢ Рӯза инсонро ба тақво мерасонад, нафсро тарбия мекунад ва сабр меомӯзад.

# Ҳаҷ

➢ Оят:

«Ҳаҷҷи Хонаи Аллоҳ бар онҳое, ки тавоноӣ доранд, фарз аст ва барои Аллоҳ бояд анҷом диҳанд.»
(Оли Имрон: 97)

➢ Ҳадис:

«Ҳаҷҷи омехтанагашта ба маъсият ҳамаи гуноҳонро аз байн мебарад ва шахс монанди рӯзи таваллуд мешавад (пок мегардад).»
(Бухорӣ ва Муслим)

❖ **Ҳаҷ ба кӣ фарз аст?**

➢ Ба ҳар мусалмон, ки аз ҷиҳату мол ва саломатӣ имконият сафар ба Маккаро дорад, Ҳаҷ кардан дар умраш як бор фарз аст.

❖ **Аз Ҳаҷ чӣ ибрат мегирем?**

➢ Баробарии тамоми инсонҳо, тақво ва ёди охиратро.

# Қурбонӣ

➢ Оят:

«Хун ва гӯшти онҳо (қурбониҳо) ба Худо намерасад, лекин тақвои шумо (худотарсӣ) ба назди Ӯ мерасад.»
(Сураи Ҳаҷ: 37)

➢ Ҳадис:

«Ҳар кӣ имконият дорад, вале қурбонӣ намекунад, ба масҷиди мо наздик нашавад.»
(ривояти Аҳмад ва Ибни Моҷа)

❖ **Қурбонӣ кай анҷом мешавад?**

➢ Дар рӯзи Иди Қурбон ва се рӯзи баъд аз он (айёмутташриқ).

❖ **Барои кӣ қурбонӣ суннат аст?**

➢ Барои касе, ки имконият дорад.

# Ҷаноза

- **Агар касе бимирад,  ӯро чи гуна мегӯронем?**

➢ Ӯро ғусл медиҳем.

➢ Кафан мекунем.

➢ Барояш намози ҷаноза мехонем.

➢ Дар қабр мегузорем ва бо дуо ӯро ба ёд меорем.

**Ҳадис**

«Ҳар кӣ дар ҷаноза иштирок кунад ва то дафн кардан ҳамроҳ бошад, ду қироъ (мукофот) мегирад.»
Саҳоба пурсиданд: «Ду қироъ чист?»
Фармуд:
«Монанди ду кӯҳи бузург.»
(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

# Фасли сеюм: Одоб

**Ахлоқи мусалмон**

❖ Ҳадис:

«Беҳтарини шумо касе аст, ки ахлоқаш некӯтар аст.»
(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

❖ Ҳадис:
«Дар тарозу (мизон) чизе вазнинтар аз ахлоқи нек нахоҳад буд.»
(Ривояти Тирмизӣ)

**Худо аз мо чӣ мехоҳад?**

❖ Худо мехоҳад:

- ➢ Мо Ӯро парастиш кунем.
- ➢ Ба дигарон некӣ кунем.
- ➢ Аз гуноҳҳо дурӣ ҷӯем.
- ➢ Шукр кунем ва сабр намоем.
- ➢ Сухани ҳақро бигӯем.
- ➢ Ҳамеша ҷонибдори адолат бошем.
- ➢ Ҳамвора дар талаби илм бошем.

❖ Оят:
«Агар шукргузор бошӣ, Худо (неъматашро) бештар медиҳад.»
(Оят дар сураи Иброҳим: 7)

❖ Ҳадис:
«Олим бош ё донишҷӯ бош, ё гӯшкунандаи илм бош, ё дӯстдори илм ва аҳли илм бош, аммо аз панҷумӣ мабош(яъне аз бепарвоиву ҷоҳилӣ дур бош), ки ҳалок мешавӣ.»

## Одоб дар масҷид

★ Оят: «Эй фарзандони Одам! Ҳар бор ки ба масҷид меравед, зинати худро бигиред (яъне либоси пок ва муносиб пӯшед)» (Сураи Аъроф: 31).

★ Ҳадис:
Паёмбар ﷺ фармуд:
«Ҳар гоҳ яке аз шумо ба масҷид дарояд, бигӯяд:
«Эй Худо! Барои ман дарҳои раҳмататро боз кун.»
Ва вақте берун шуд, бигӯяд:
«Эй Худо! Аз ту хоҳони фазлу карамат ҳастам.»
(Ривояти Муслим)

★ Ҳадис:
«Вақте яке аз шумо ба масҷид дарояд, набояд нишинад, то ин ки ду ракъат намоз хонад.» (таҳиёти масҷид)
(Бухорӣ ва Муслим)

★ Ҳадис:
«Агар шахсе медонист, ки гузаштан аз пеши намозгузор чӣ гуноҳ дорад, беҳтар мебуд, ки 40 (рӯз ё моҳ ё сол) дар ҷояш бимонад, то он ки гузарад.»
(Бухорӣ ва Муслим)

# Одоби салом

★ Оят:

«Эй касоне ки имон овардаед! Ба хонаҳое, ки хонаҳои шумо нестанд, ворид нашавед, то он ки иҷозат бигиред ва бар аҳли он хонаҳо салом диҳед. Ин барои шумо беҳтар аст, шояд панд гиред.» (Сураи Нур 24:27)

★ Ҳадис:

Паёмбар ﷺ фармуд:

«Ба биҳишт дохил намешавед, то имон наоваред ва имон намеёбед, то якдигарро дӯст доред. Оё шуморо ба амале роҳнамоӣ кунам, ки агар онро анҷом диҳед, ҳамдигарро дӯст медоред? Саломро миёни худ ошкоро бигуед.»

(ривояти Муслим)

★ Ҳадис:

«Савора ба пиёда, кам ба бисёр, ва хурд ба калон салом медиҳад.»

(ривояти Бухорӣ ва Муслим)

# Одоби либос

❖ «Либосе интихоб мекунем, ки авратро мепӯшонад.» (Оят: Аъроф: 26)

❖ Либос бояд:

- ➢ Аломатҳо ва навиштаҷотеро надошта бошад, ки ба дин мухолиф аст, монанди салиб ё калимаҳои фаҳш ва ё суратҳои ҷондор.
- ➢ Тангу баданнамо набошад.
- ➢ Писарон либоси духтарона напӯшанд ва духтарон либоси писаронаро.

- Ҳадис:

  «Пеш аз пӯшидани либос бигӯ: «Бисмиллоҳ».
  Ҳангоми пӯшидани либоси нав бигӯ:
  «Эй Худо! Шукр ба Ту, ки ба ман инро пӯшонидӣ. Аз хайраш ва он чизе, ки барои он сохта шудааст, талаб мекунам, ва аз шарраш ва аз шарри он чизе ки барои он сохта шудааст, ба Ту паноҳ меоварам.»

## Одоби таъом хурдан ва нӯшидан

- Ҳадис:
  «Бисмиллоҳ бигӯ, бо дасти рост бихӯр ва аз пеши худ бихӯр.»
  (Бухорӣ ва Муслим)

- Ҳадис:
  «Паёмбар нӯшидани обро дар ҳоле, ки шахс рост истодааст, манъ кард.»
  (Муслим)

- Оят:
  «Аз он чи Худо барои шумо ҳалол ва покиза кардааст бихӯред.» (Бақара: 172)

- Агар фаромӯш кардӣ ва бидуни «Бисмиллоҳ» хӯрданро оғоз кардӣ ва ба ёдат расид, ки «Бисмиллоҳ» нагуфтаӣ, бигӯ:

  «Бисмиллоҳи аввалуҳу ва охируҳу».

- Ҳадис: «Шайтон бо дасти чап мехӯрад ва менӯшад.» (Муслим)

- Ҳадис: «Агар ғизо шахсро хуш наояд, набояд нисбати таом бадгӯӣ кунад.» (Бухорӣ ва Муслим)

# Хӯрдани ҳалол ва ҳаром

**Ҳалол:**

➢ Гӯшти ҳайвоноти ҳалол монанди гӯсфанд, буз, шутур, мурғ, кабк, кабӯтар.

➢ Моҳӣ ва ҳайвоноти баҳрӣ.

**Ҳаром:**

➢ Ҳайвоноти дарранда (шеру паланг), ҳайвоноти наҷас ва зарароввар.

➢ Ҷонварону паррандагони дорои нулу нохуни даррандагӣ ва дандон барои шикор (саг, гурба).

➢ Ҳайвоноти ҳалол, агар бо тариқи ғайришаръӣ кушта шуда бошад.

👉 Шартҳои забҳи шаръӣ:

1. Бо номи Худо ва тарзи шариат забҳ шавад.

2. Забҳро мусалмон ё аҳли китоб кунад (на касе, ки Худоро намешиносад)

# Одоби хобидан

➢ Пеш аз хоб мисвок кун, бо дасти рост бихоб.

➢ Се бор ояту дуоҳои муҳофизаро ба каф дам зада, бар рӯй ва баданат бимол.

➢ Оят-ал-Курсӣ ва Сураи Кофирунро бихон.

➢ Дуо: «Ба номи Ту эй Худо хоб меравам ва ба номи Ту бедор мешавам.»

**Одоби аз хоб хестан**

➢ Дуо: «Шукр Худоро, ки пас аз марги муваққат (хоб) моро зинда кард ва бозгашти охир ҳам ба суи Ӯст.”

➢ Бо мисвок дандонҳоро тоза кун.

➢ Се бор дастатро бишӯй.

➢ Биниро се бор бо об пок кун.

➢ Намоз ва дуоҳо (шурӯъ кун бо ибодат).

# Одоб дар кӯча

- Ҳадис: Паёмбар ﷺ фармуд:
  «Аз нишастан дар сари роҳҳо парҳез кунед.»
  Саҳобаҳо гуфтанд: «Эй Расули Худо! Мо ҷойи дигаре надорем, ин ҷо нишаста бо ҳам сӯҳбат мекунем.»
  Фармуд:
  «Агар ноилоҷ нишастед, ҳаққи роҳро адо кунед.»
  Гуфтанд: «Ҳаққи роҳ чист?»
  Фармуд:
  «Касеро озор надодан, посух додан ба салом, амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар (яъне ба некӣ даъват кардан ва аз бадӣ боздоштан).»
  (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

- Ҳадис: «Ба ҳар дарахте, ки дорои мева аст, санг наандозед.»
  (Ривояти Абу Довуд)

**Одоби ҳамсоягӣ**

- Оят:

«Худоро ибодат кунед ва чизеро ба Ӯ шарик нагиред, ба падару модар, наздикон, ятимон, мискинон, ҳамсояи наздик ва ҳамсояи дур некӣ кунед...»
(Сураи Нисо: 36)

- Ҳадис:

  «Ҷабраил ба ман он қадар дар бораи ҳамсоя васият кард, ки гумон кардам ҳамсояро меросбар қарор медиҳад.»
  (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

- Ҳадис:
  «Ҳар кӣ ба Худо ва рӯзи охир имон дорад, ҳамсояашро озор надиҳад.»
  (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

- Ҳадис:

«Ҳаққи ҳамсоя ин аст, ки агар ӯ аз ту кӯмак пурсад, ба ӯ ёрӣ диҳӣ. Агар бемор шавад, аёдаташ кунӣ ва агар ба ӯ мусибате расад, таслият диҳӣ.
Агар ба ӯ манфиате расад, табрик гуӣ ва агар ба ӯ балое расад, ӯро ранҷ надиҳӣ. Бинои хонаатро болотар аз бинои ӯ насозӣ то хонаи ӯро офтобнорас накунӣ. Бо бӯи хӯрокат ҳамсояи нодоратро азият надиҳӣ, магар он ки каме ба ӯ диҳӣ...»
(Ривояти Табаронӣ)

# Одоби дӯстию бародарӣ

- Ҳадис:
  «Ҳар гоҳ яке аз шумо бародари мусалмонашро дӯст дорад, ба ӯ хабар диҳад.»
  (Ривояти Абу Довуд ва Тирмизӣ)
- Ҳадис:
  «Ҳар кӣ ба мусибате гирифтор бошад (мушкил дошта бошад), ӯро тасаллӣ диҳед.»
  (Ривояти Табаронӣ)
- Ҳадис:
  «Мусулмон бародари мусалмон аст: ба ӯ зулм намекунад ва ӯро ба дасти душман намесупорад.»
  (ривояти Бухорӣ ва Муслим)

# Одоби сухан гуфтан

- Ҳадис:
  «Ҳар кӣ ба Худо ва рӯзи охир имон дорад, бигузор сухани хуб гӯяд ё хомӯш бошад.»
  (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)
- Ҳадис:
  «Шахси мусалмон касест, ки дигар мусалмонҳо аз дасти ӯ ва забони ӯ дар амон бошанд.»
  (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)
- Оят:
  «Гапи нек гӯед, зеро шайтон миёни шумо тухми душманӣ мекорад.»
  (Сураи Исро: 53)

**Одоби хайрхоҳӣ ва насиҳат**

- Ҳадис:
  «Дин насиҳат аст.»
  (ривояти Муслим)

- Ҳадис:
  «Яке аз шумо то он даме, ки барои бародараш ҳамон чизеро нахоҳад, ки барои худ мехоҳад, имон надорад.»
  (ривояти Бухорӣ ва Муслим)

# Одоби бахшиш ва афв

- Оят:
  «Гузашт кун ва афв намо, Худо афвкунандагонро дӯст медорад.»
  (Сураи Моида: 13)

- Ҳадис:
  «Касе ки афв кунад, Худо ӯро иззат медиҳад.»
  (Муснади Аҳмад)

- Ҳадис:
  «Афв кун, то Худо туро афв кунад.»
  (Ҳикмат)

# Одоби хилват ва ҳифзи аврат

- Ҳадис:
  «Агар хостӣ то ба ҳуҷрае дароӣ, се бор иҷозат пурс, агар иҷозат надиҳанд, баргард.»
  (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

- Ҳадис:
  «Ҳеҷ мард бо як зан танҳо намемонад, магар ин ки саввумашон шайтон аст.»
  (Ривояти Тирмизӣ)

- Ҳадис:
  «Шарму ҳаё дошта бошед, зеро ҳаё аз имон аст.»
  (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

# Одоби дуо ва зикр

- Ҳадис:
  «Дуои бародар бар бародари худ дар ғайб зуд қабул мешавад.»
  (Ривояти Муслим)

- Ҳадис:
  «Қалбҳо ба зикри Худо ором мегиранд.»
  (Сураи Раъд: 28)

- Ҳадис:
  «Ҳар гоҳ Худоро ёд мекунед, садои худро паст нигоҳ доред, зеро зоте, ки пинҳонро медонад (Худо), ба ӯ баланд сухан гуфтан ҳоҷат надорад.»
  (Ривояти Абу Довуд)

# Ҳуқуқҳои мусалмонон

❖ Ҳадис:

«Ҳуқуқи мусалмон бар мусалмон шаштост.»
Гуфтанд: «Эй Расули Худо ﷺ, кадомҳоянд?»
Фармуд:
«1. Вақте ӯро бинӣ, салом деҳ.
2. Агар туро даъват кунад, иҷобат кун.
3. Агар насиҳат талабад, ба ӯ рост бигӯ.
4. Агар бемор шавад, аёдаташ кун.
5. Агар бимирад, дар ҷанозааш ширкат кун.
6. Барои ӯ ҳамон чизеро бихоҳ, ки барои худ мехоҳӣ.»
(Ривояти Муслим)

# Бародарӣ ва дӯстӣ дар дин

❖ Ҳадис:

«Мусалмонон мисли як бино ҳастанд, ки як қисми он қисми дигарро мустаҳкам мекунад.»
(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

❖ Ҳадис:

«Мисоли мӯъминон дар дӯстӣ, меҳрубонӣ ва ҳамдардӣ мисли як бадан аст; агар як узви он дард кунад, тамоми бадан шаб бе хоб ва табнок мегардад.»
(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

# Ислом дини осонӣ аст

❖ Оят: «Худо бар шумо осонӣ мехоҳад ва бар шумо сахтӣ намехоҳад.»
(Сураи Бақара: 185)

❖ Ҳадис: «Ин дин осон аст, касе ки дар он сахтгирӣ кунад, ноком мешавад.»
(ривояти Бухорӣ)

❖ Ҳадис: «Шумо осон кунед, сахт нагиред; мужда диҳед, нафрат напароканед.»
(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

# Сабр кардан

- Оят:

«Худо бо сабркунандагон аст.»
(Бақара: 153)

- Ҳадис:

«Аҷиб аст аҳволи мӯъмин: ҳар коре барояш хайру хубист ва агар шод шавад, шукр мекунад ва барояш хайр аст. Агар мусибате бирасад, сабр мекунад ва барояш хайр аст.»
(ривояти Муслим)

**Рафтор бо падару модар**

- Оят: «Ба падару модар некӣ кунед... агар яке ё ҳардуяшон дар назди ту ба пирӣ расанд, ба онҳо "уф" ҳам магӯ.»
(Сураи Исро: 23)
- Ҳадис: «Ризои Худо дар ризои падару модар аст.»
(Ривояти Тирмизӣ)

**Ҳуқуқи бародарон ва хоҳарон**

➢ Ба онҳо муҳаббат кун.

➢ Бо онҳо хуб бархӯрд кун, наҷанг ва накӯҳиш макун.

➢ Агар бо онҳо чизеро тақсим кунӣ, бо адолат тақсим кун.

➢ Ба онҳо кӯмак расон, махсусан агар хурд бошанд.

## Ҳуқуқи устодон ва муаллимон

- Устодро эҳтиром кун.
- Ҳангоми дар дарс нишастан хуб нишин, ба устод хуб аҳамият деҳ.
- Гапашро набур ва баланд нахандӣ.
- Пас аз дарс ба ӯ ташаккур бигӯ.
- Агар аз гуфтаҳои ӯ чизеро нафаҳмидӣ, боадабона дигарбора пурс.

**Ҳуқуқи дӯст ва шарикдарс**

- Ба ӯ дурӯғ нагӯй ва ӯро фиреб надеҳ.
- Агар чизе ба ту дод, хурсандона бо ташаккур қабул намо.
- Агар камбудие дошта бошад, кушиш кун бартараф намоӣ
- Агар ғамгин бошад, тасаллӣ деҳ.
- Ба чизҳои шахсии ӯ дахолат накун.
- Ҳаққи ӯро ҳифз кун. Дар дифоъ аз шаъну шарафи ӯ ақибкашӣ накун
- Дар мушкилот ӯро танҳо нагузор
- Дар омодагӣ ба дарсҳо ва омӯзиши илм кӯмакаш кун.
- Агар аҳде кардӣ ҳамеша ба аҳдат вафо кун.
- Назди дигарон ӯро музтар накун.

# Фасли чаҳорум: Дуоҳо ва зикрҳо

**Дуоҳо барои ҳар рӯз**

➢ Дуо ҳангоми хестан аз хоб:

«Алҳамду лиллаҳиллазӣ аҳйона баъда мо амотано ва илайҳиннушӯр.»

➢ Дуо ҳангоми пӯшидани либос:

«Алҳамду лиллаҳиллазӣ касанӣ...»

➢ Дуо ҳангоми даромадан ба ҳоҷатхона:

«Аллоҳумма иннӣ аъузу бика мина-л-хубси ва-л-хабоис.»

➢ Дуо пас аз баромадан аз ҳоҷатхона:

«Ғуфронака.»

**Дуоҳо барои хӯрок хурдан ва нӯшидан**

➢ Пеш аз хӯрдан бигӯ:

«Бисмиллоҳ»

➢ Агар фаромӯш кардӣ, бигӯ:

«Бисмиллоҳи аввалуҳу ва охируҳу»

➢ Пас аз хӯрок бигӯ:

«Алҳамду лиллаҳиллазӣ атъаманӣ ҳоза ва разақанӣ мин ғайри ҳавлин миннӣ ва ло қувва»

**Дуоҳои дигар**

- ➢ Дуо барои волидон:

  «Раббирҳамҳумо камо раббаёнӣ сағиро»

- ➢ Дуо барои афв ва мағфират:

  «Раббиғфир лӣ ва ли волидайя»

- ➢ Дуо ҳангоми мусибат:

  «Инна лиллаҳи ва инна илайҳи роҷиъун»

**Зикрҳои рӯзона**

- ➢ «Субҳаналлоҳ» — Худоро пок медонам.
- ➢ «Алҳамду лиллоҳ» — Ситоиш Худоро.
- ➢ «Аллоҳу Акбар» — Худо бузургтар аст.
- ➢ «Ло илоҳа иллаллоҳ» — Худое ҷуз Аллоҳ нест.

**Роҳҳои бештар зикр кардан**

❖ Ҳангоми роҳ рафтан, нишастан, ё кори хона кардан бигӯ:

- ➢ «Субҳаналлоҳ»
- ➢ «Алҳамдулиллоҳ»
- ➢ «Аллоҳу Акбар»
- ➢ «Ло илоҳа иллаллоҳ»

❖ Ҳадис:

«Забонат ҳамеша тар  аз зикри Худо бошад.»
(Ривояти Тирмизӣ)

❖ **Дар хона чӣ гуна бояд рафтор кард?**

➢ Ба падару модарат кӯмак кун.

➢ Бо хоҳару бародаронат хуб муносибат кун.

➢ Ҳангоми ба хона даромадан «Бисмиллоҳ» бигӯ ва ба аҳли хона салом деҳ.

➢ Агар чизеро шикастӣ ва кори ношоистае кардӣ, рост бигӯ ва узр бихоҳ.

➢ Агар меҳмон ояд, ба ӯ хидмат кун.

❖ **Дар мактаб чӣ гуна бояд рафтор кард?**

➢ Устодро эҳтиром кун.

➢ Ба китоб ва дафтарҳоят аҳамият деҳ, чиркин накун ва варақҳояшро накан.

➢ Ба ҳамсинфҳоят дурӯғ нагӯ.

➢ Чизеро аз онҳо бе иҷозат нагир.

➢ Ба касе ханда назан, тамасхур ва ҳақорат накун.

❖ **Дар кӯча чӣ гуна бояд рафтор кард?**

➢ Ба хурдсолон муҳаббат кун.

➢ Бузургонро эҳтиром кун.

➢ Ба роҳ чизеро напарто.

➢ Ба ҳайвонот озор нарасон.

➢ Агар касе кӯмак талабад, то тавонӣ кӯмак кун.

**Дуои умумӣ барои хайр**

«Раббана отина фиддунйо ҳасана, ва фил охирати ҳасана,
ва қина азабаннор.»

(Маънояш: Эй Парвардигор, ба мо дар дунё некӣ деҳ, ва дар охират низ ва моро аз азоби оташ нигаҳ дор.)

**Дуо барои волидайн**

«Раббирҳамҳумо камо раббаёнӣ сағиро.»

(Маънояш: Парвардигоро, ба онҳо (ба падару модарам) раҳм кун, чунон ки онҳо маро дар хурдӣ тарбия карданд.)

**Дуо барои тамоми мусалмонон**

«Аллоҳуммағфир лил муслимина ва-л муслимот, ва-л мӯъминина ва-л мӯъминот, ал-аҳёи минҳум вал амвот.»

(Маънояш: Эй Худо, раҳмат кун ва биёмурз ҳамаи мардону занони мусалмон ва мардону занони мӯъмин, зиндаҳояшон ва мурдаҳояшонро.)

**Дуо ҳангоми тарсидан**

«Ҳасбияллоҳу ла илоҳа илла ҳува, ъалайҳи таваккалту ва ҳува раббул аршил азим.»

(Маънояш: Худо барои ман бас аст, маъбуде ҷуз Ӯ нест, ба Ӯ таваккал кардам, Ӯ Парвардигори Арши Аъзим аст.)

**Дуо ҳангоми беморӣ ё мусибат**

«Инно лиллаҳи ва инно илайҳи роҷиъун.»

(Маънояш: Мо аз Худоем ва ба сӯи Ӯ бозмегардем.)

## Дуо барои бахшиш ва мағфират

> «Раббиғфир лӣ ва ли волидайя ва лил мӯъминина явма яқумул ҳисоб.»

(Маъноям: Парвардигоро, рӯзе, ки ҳисоб барпо мешавад, маро ва падару модарам ва ҳамаи мӯъминонро биёмурз.)

## Хулоса ва васият

➢ Бо падару модар ва ҳама одамон хуб муносибат кун.

➢ Дуруд бар Паёмбар ﷺ бигӯ (саллаллоҳу алайҳи васаллам бигу).

➢ Намозатро дар вақташ бихон.

➢ Ҳамарӯза ҳатто як саҳифаам бошад Қуръон бихон ва дар маъноям андеша кун.

➢ Ба дурӯғ, хиёнат ва ҳасад наздик нашав.

➢ Забонатро ба зикри Худо одат деҳ.

➢ Дар ҳама ҳолат шукргузор бош.

➢ Дуоҳои саҳеҳеро, ки Паёмбар ﷺ таълим додааст, ёд гир.

➢ Ба дӯстону шарикдарсонат зарар нарасон.

➢ Ба каломи худ аҳамият деҳ, дурӯғ нагӯ.

➢ Сухани бад магӯ, фаҳш нагу.